**Қарори №21**

Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-002-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои
диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

аз 21.01.2021

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Бобоева Барно дар мавзӯи **"Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10–Рӯзномани (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода) ба ташхиси аввалия ва тайъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. Дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Бобоева Барно ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, Дӯстзода Ҳ. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Бобоева Барно–автореферат (бо забони русӣ ва тоҷики) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти рақами №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аспирант ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Бобоева Барно дар мавзӯи “Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10– Рӯзномани (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Removed Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:
   - Муродӣ М. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
   - Абдуллозода М. – доктори илмҳои филологӣ, профессор аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
   - Азимов А.– доктори илмҳои филологӣ, профессор аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дустзода Ҳ.Ҷ.